# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диисертатсияи Алишери Амирхон дар мавзуи "Ҳаёти фарҳангии вилояти Хатлон дар солҳои соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон (1991-2016)" барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои таърих, аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик)**

Мавзуи мавриди назар, ки унвонҷуй ба риштаи пажуҳиш кашидааст, басо актуалӣ ба ҳисоб рафта, саҳифаҳои ҷадид ба хазинаи таърихи миллат зам хоҳад намуд. Ба ҳамин далел ва мақсад муаллиф заҳмат ва талошҳои зиёд ба сомон дода дар ин росто бо истифода аз манобеи мӯътамад ва осори мухаққиқон ва донишмандони соҳа то андозае муваффақ ҳам гардидааст. Мубрамияти мавзуи таҳқиқшаванда дар муқаддима собит шуда чунон зикр намудем, таҳқиқоти мавриди зикр бар пояи маводи бойгони, санадҳои меъёри ҳуқуқи ва маводи матбуоти даврӣ омода шудааст.

Лозим ба зикр аст, ки то кунун доир ба ҳаёти фарҳангии вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони соҳибистиқлолӣ пажӯҳиши муфассал ва мукаммал анҷом дода нашудааст. Бархе аз маводҳои рӯйи омада низ доир ба таърихи ин минтақа танҳо хусусияти публисти дорад.

Навгони илмии диссертатсия дар он зоҳир мегардад, ки муаллиф дар байни муҳаққиқон нахустин шуда, вазъи фарҳангии вилояти Хатлонро дар солҳои соҳибистиқлолӣ давлатӣ таҳлил намудааст.

Диссертатсия аз муқаддима ду боб, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат мебошад.

Дар муқаддима мубрамияти мавзуи диссертатсиони асоснок гардида, дараҷаи коркарди он, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, доираи хронологӣ ва ҷуғурофӣ, услуб ва усули коркарди мавзуъ мушахас гардида, аҳамияти назариявӣ ва амалии кор, манбаҳо ва навгонии илмии таҳқиқот, инчунин муқаррароти асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда муайян гаштааст.

Боби якуми диссертатсия **«Таҳаввулот дар низоми таълиму тарбия» унвонгузори шуда,** дар он фазъи маориф, сатҳи зинаи таҳсилоти ибтидоӣ, миёнаи касбӣ ва олӣ дар соҳаи маориф мавқеи муҳим дорад дар инсамт паҳлуҳои гуногуни он барраси шудааст.

Боби дувуми диссертатсия **«Вазъи адабиёт ва санъат» номгузорӣ** шуда, дар он вазъи фарҳанг, сатҳи рушди муассисаҳои мадани-маърифати,

адабиёт, китобхонаҳо, осорхонаҳо, ёдгориҳои таърихи ва нақши онҳо дар боло бурдани фарҳанги аҳолӣ, мушкилот ва дурнамои он таҳлил шудааст.

**Дар хулоса** фикри ҷамъбастӣ, пешниҳоду тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои диссертатсия оварда шудаанд.

Аҳамияти назариявию амалии таҳқиқот аз он иборат аст, ки маводи дар он мавҷудбуда минбаъд дар навиштани асарҳои махсуси бунёдӣ оид ба таърих ва таърихнигории таърихи муосири тоҷик истифода шуда метавонад.

Ҳамин тавр, диссертатсияи Алишери Амирхон дар мавзуи **«Ҳаёти фарҳангии вилояти Хатлон дар солҳои соҳибистиқлоии Ҷумҳурии Тоҷикистон (1991-2016) »** ба бандҳои 31-37-и «Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021 таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) сазовор мебошад.

Номзади илмҳои таърих дотсенти
кафедраи фалсафа ва фанҳои
гуманитарии Академияи идоракуни
давлатии назди Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадов У.Д.

Маълумот барои тамаос:
Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш. Душанбе кучаи Саид Носир, 33
телефон: (+992 37) 2289220
почтаи электронӣ: info@ara/tj

Имзои Маҳмадов У.Д. – ро
Тасдиқ менамоям:
Сардори раёсати кадрҳо,
коргӯзорӣ ва корҳои махсуси
Академияи идоракунии
Давлати назди Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон Бобозода О.О.

15.11.2022